**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, факултети "Иқтисод ва идора" - ро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва баплангирии КАС соли 1996 хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳ то ба ҳол дар вазифаҳои гуногуни зерин фаъолият намудааст: солҳои 1996-1999 – сармутахассиси шуъбаи ояндабинии Раёсати иқтисоди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 1999-2002 – сардори шӯъбаи экспертизаи лоиҳаҳои сармоягузории Ширкати давлатии суғуртаи сармоягузории "Тоҷиксармоягузор"-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2004-2007 – ассистенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ; солҳои 2007-2011 – сарменеҷер-маъмури Маркази хизматрасонии чаканавии – и ҶСК "Агроинветбонк"; солҳои 2012-2018 – муаллими калони кафедраи суғуртаи Донишкадаи молия ва иқтисод; солҳои 2018-2020 – ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2020 то ҳоло дар кафедраи муносибатҳои молиявӣ - қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси муаллими калон фаъолият менамояд. Ҳазратзода Т. Ҳ. устоди пуртаҷриба буда, дар сатҳи баланди касбӣ машғулиятҳои дарсиро мегузаронад. Донандаи хуби забони русӣ ва англисӣ буда, дар назди коллективи кафедра ва факултет соҳиби обрӯ ва эътибори хосса дошта, пайваста аз паси омӯзиши илм ва баланд бардоштани маҳорати педагогӣ аст ва бо донишҷӯён ва кормандон муносибати хуб дорад. Дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол буда, қобилияти баланди ташкилотчигӣ дорад.

Ҳазратзода Т. Ҳ. соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи муносибатҳои молиявӣ - қарзӣ байналхалқии факултети муносибатҳои

иқтисодии байналхалқӣ дохил шуда, дар муҳлати муқарраргардида рисолаи илмии худро барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Мубраммияти мавзуи диссертатсионии унвонҷӯ дар таъмини молиявии рушди мутавозини минтақаҳои кишвар ифода гардида, дар он нақши марказиро муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил менамоянд, ки аз нигоҳи муаллиф бояд мукаммал гардонида шавад. Махсусан, дар шароити кунунӣ, ки сарчашмаҳои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллии минтақаҳои кишвар нобаробар афзоиш ёфта, вобастагии минтақаҳо аз марказ ҳануз ҳам баръало зоҳир мегарданд, такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар чаҳорчубаи афзорҳо ва механизмҳои муосир мубрам ва саривақтӣ мебошад. Дар ин замина истифодаи самараноки трансфертҳо, коркарди шохисҳои оптимизатсиякунонии муносибатҳои байнибуҷетӣ, таҳияи алгоритми муайяни ба ягон ҳадаф ва мақсад нигаронидашудаи равобити байнибуҷетӣ, гузариш аз банақшагирии буҷетӣ ба буҷетикунонии барномавӣ (лоиҳавӣ) аз зумраи афзорҳо ва механизмҳое мебошанд, ки ба ақидаи муаллиф метавонанд низоми муносибатҳои байнибуҷетиро мукаммал гардонанд.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур дар диссертатсия Ҳазратзода Т.Ҳ. вазифаҳои мушахассро гузошта кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявӣ ва консептуалиии шаклгирӣ ва тавсеаи механизмҳои идораи равобити байнибуҷетиро дар даврони муосир омӯхта, вазъи муосири ташаккулёбии механизми равобити байнибуҷетӣ дар кишварро арзёбӣ намуда, нақши онро дар рушди минтақаҳои мамлакат таҳлил намуда, бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти мавзуи мазкур, афзалиятҳои мукаммалсозии муносибатҳои байнибуҷетии кишварро ҳангоми гузариш ба рушди инноватсионӣ пешниҳод намояд. Натиҷаи асосии таҳқиқот, ки унсурҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалиро дар бар мегиранд, дар бандҳои навгониҳои илмӣ пешниҳод гардиданд.

Диссертатсияи Ҳазратзода Т.Ҳ. аз се боб иборат буда, аз муқаддима, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёти истифодагардида аз 215 номгӯ, 9 расм, 24 ҷадвал, 1 диаграмма иборат буда, дар маҷмуъ 194 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубраммияти мавзуъи интихобгардида асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯи мазкур аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ баҳогузорӣ гардида, саҳми шахсии муаллиф, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, бандҳои навгонӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва мутобиқати мавзуъ ба барнома ва стартегияҳои кишвар оварда шудааст.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ" таҳаввулоти назарияи ташаккул ва рушди танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳқиқ гардида, асосҳои методии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳлил карда, таҷриба ва консепсияҳои хориҷии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ омӯхта шуда, имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Дар боби дуюм "Вазъи муосири идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" асосҳои институтсионалии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гашта, вазъи муосири идоракунӣ ва танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар кишвар таҳлил ва арзёбӣ шуда, сарчашмаҳо ва фишангҳои маблағгузории буҷети маҳаллии минтақаҳои сусттараққикарда муайян карда шудааст.

Дар боби сеюм "Роҳҳои такмили идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар шароити муосир" самтҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, консепсияи ягонаи ҳадафҳо, принсипҳо ва амалҳо барои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ ва Дурнамои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Зимни таҳқиқот унвонҷӯ дар ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кории диссертатсия, махсусан ҳангоми интихоби мавзуъ, асосноксозии зарурат ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, дар интихоби ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот фаъол буда, кӯшиш менамуд, ки таҳқиқот бештар ба самти амалӣ равона гардад. Муаллиф ба таҳияи методологияи таҳқиқот, ошкорсозии муаммоҳо ва омилҳое, ки дар самти мукаммал гардонидани муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Тоҷикистон дар шароити муосир ҷой доранд, мустақилона машғул гардида, маводи омориро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро тибқи нақшаи диссертатсия коркард намуда, таҳлили назария ва консепсияҳои алоҳидаи олимон ва мутахассисоне, ки аз рӯйи мавзуи зерин таҳқиқоти илмӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, омухтааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 13 мақола, дар ҳаҷми умумии 5,0 ҷ.ч. чоп гардидааст, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз бандҳои 2.1. «Рушди унсурҳои молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ»; 2.7. «Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ»; 2.15. «Равишҳои консептуалии ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ»; 2.17. «Механизмҳои тақсимкунии воситаҳои буҷетӣ» ва 2.28. «Методология ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини худмаблағгузории маҳаллӣ» мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар сатҳи баланди касбӣ иҷро гардида, дорои унсурҳои навгонӣ буда, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба пешниҳоди афзорҳо ва механизмҳои муосири мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ илман асоснок карда шудааст. Як қатор натиҷаҳои назариявию методӣ

ва амалиро метавон зимни таҳияи лексия ва курсҳои махсуси амалӣ, ба монанди «Молия», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Идоракунии молияи давлатӣ», «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» ва ғайраҳо истифода намуд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмии бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини ректори ДДМИТ
оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Сафаров Б.Г.

**Имзои Сафаров Б.Г.-ро тасдиқ менамоям:**
*Сардори шуъбаи кадрҳо*
*ва корҳои махсуси ДДМИТ* *Мирҷамолов М.Р.*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

18.06.2025 с.